# КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМИЮ АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАҲТИ УНВОНИ «ЗАБОН ВА ИСТИҚЛОЛ»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 4 October, 2023 - 14:14

[1]

Рӯзи 4-уми октябри соли 2023 дар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони “Забон ва Истиқлол” бо иштироки Мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Оқилзода Нурулло, аъзои мушоварaи Кумита, намояндагони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Академияи воситаҳои ахбори омма, Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, пажуҳишгоҳҳои илмию

таҳқиқотӣ, Шурои ҳамгунсозии истилоҳоти Кумита, намояндагони мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, шаҳри Нораки вилояти Хатлон, шаҳри Турсунзода, ноҳияи Спитамен, муҳаққиқону донишмандон, намояндагони ВАО ва доираи васеи меҳмонон баргузор гардид.

Конференсияро муовини раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор Сахидод Раҳматуллозода бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, ҳозиринро бо таҷлили Рӯзи забони давлатӣ табрик намуд.

Сипас, Мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Оқилзода Нурулло суханронӣ карда,муҳиммии забони давлатӣ, арҷ гузоштан ва поку беолоиш нигоҳ доштани онро қайд намуда, ҳозиринро аз номи роҳбарияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику шодбошӣ намуда, нақши Пешвои миллатро дар ташаккули забони точикӣ бузург арзёбӣ намуд. Ҳамзамон, дар конференсияи мазкур профессорон Назарзода Сайфиддин, Қосимов Олимҷон, Назри Офаридаев, раиси Академияи ВАО Исматзода Саъдӣ Маҳдӣ, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, сармуҳаррири рӯзномаи “Устоз” Сулаймон Эрматов, Ёрзода Амриддин - мураббии тарбияи ҷисмонии Муассисаи давлатии қасри теннис ва маҷмаи варзишҳои обӣ ва дигар муҳаққиқону донишмандон оид ба самтҳои гуногуни таҳқиқу рушди забони давлатӣ, алалхусус, дар замони Истиқлоли давлатӣ ибрози назар намуданд.

Инчунин, дар анҷоми қисми аввали конференсия ба намояндагони мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ, донишмандону омӯзгорон, кормандони телевизиону радио барои ҳамкории судманду самарабахш дар рушди забони давлатӣ, заҳматҳои ҳамешагӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба забони давлатӣ, ташвиқу тарғиби забони миллӣ дар байни ҷомеа ва саҳми шоиста дар амалисозии қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ифтихорномаҳо дар фазои тантанавӣ тақдим гардид.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]
- Конференсияҳо [3]

-

-

-

- 

-

- 

- 

- 

- 

-

-

- 

- 

https://istilohot.tj/sites/default/files/TAQDIM.pdf

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/6963?mini=2026-04

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20231004_100950.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/30 [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_120800.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121032.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121034.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121103.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121122.jpg [9] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121139.jpg [10] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121151.jpg [11] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121300.jpg [12] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121315.jpg [13] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121332.jpg [14] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121344.jpg [15] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121419.jpg [16] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121427.jpg [17] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121440%280%29.jpg [18] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121456.jpg [19] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20231004_121516.jpg